# ТАҚРИЗИ

**муқarrизи расмӣ ба диссертатсияи Алиев Султон Маҳмадшарифович дар мавзуи "В. А. Жуковский ва адабиёти форсии тоҷикӣ: шинохт, баррасӣ ва накд" барои дарёфти дараҷаи илмии номзадии илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.03 - Адабиёти кишварҳои хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, сокинони бумии Амрико ва Австралия (адабиёти форсӣ) –Душанбе, 2024. – 164 с.**

Робитаҳои адабии тоҷику рус яке аз бахшҳои муҳим ва ташаккулёфтаи илми адабиётшиносии муосир мебошад. Аз ин рӯ, ховаршиносон, мутарҷимон ва муҳаққиқони рус, ки дар таҳқиқ ва тарғиби адабиёти классикию муосири тоҷикӣ хидмати шоиста кардаанд, қобили таҳқиқ, омӯзиш ва пайравӣ аст. Яке аз донишмандон ва ховаршиносони маъруфи рус, ки дар ин самт хидматҳои шоиста кардааст, Валентин Алексеевич Жуковский мебошад. Ҳарчанд накшу мақоми муҳимми ӯ дар инкишофи ховаршиносии русӣ аз ҷониби олимони маъруфи соҳа В.Ф. Минорский, Р. Алиев, М.Н. Усмонов ва дигарон борҳо таъкид шудааст, вале то ҳол ин самти фаъолияти илмию адабии В. А. Жуковский мавриди пажуҳиши алоҳида қарор нагирифтааст. Аз ин ҷиҳат, мавзуи диссертатсияи С. Алиевро метавон **муҳим ва мубрам арзёбӣ** намуд. Илова ба ин, диссертатсияи аз ҷониби Алиев Султон Маҳмадшарифович дар мавзуи "В. А. Жуковский ва адабиёти форсии тоҷикӣ: шинохт, баррасӣ ва накд" омодашуда, ба самти адабиётшиносӣ ва равобити адабӣ ва ба шиносномаи ихтисоси 10.01.03 -Адабиёти кишварҳои хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, сокинони бумии Амрико ва Австралия (адабиёти форсӣ) **мутобиқат менамояд.**

**Аҳаммияти мавзуи** диссертатсияи номзадии Алиев Султон Маҳмадшарифович дар он зоҳир мешавад, ки дар адабиётшиносии мо бори нахуст аҳволу осори ин ховаршинос ва тарҷумони маъруфи адабиёти тоҷик дар шакли монографӣ мавриди баррасӣ қарор мегирад ва аз ин ҷиҳат ҳам интихоби мавзуи диссертатсияи мавриди назарро метавон **муҳим ва**

**мубрам** арзёбӣ кард. Илова ба ин, диссертатсияи мавриди гуфтугӯро аз лиҳози истифодаи маводи бойгониҳои донишмандони маъруф С. Ф. Олденбург ва М. Андреев, ки дар Тоҷикистон маҳфузанд, низ метавон мусбат арзёбӣ намуд. Диссертант кӯшиш намудааст, ки маводи тозаеро аз бойгониҳои номбурда ба гардиши илмӣ ворид созад.

Бояд гуфт, ки ҳанӯз аз асри XIX сар карда, як гурӯҳ олимони рус бевосита ва мустақим ба таҳқиқ, тарҷума ва интишори адабиёти форсии тоҷикӣ машғул гардидаанд ва яке аз фаъолони ин наҳзати илмию адабӣ ховаршиноси маъруфи рус В. А. Жуковский буд. Хидмати В.А. Жуковский ва ҳамсафону пайравони онҳо дар ташаккули мактаби Эроншиносии русӣ хеле бузург аст.

Бояд гуфт, ки фарҳангу адабиёти форсии тоҷикӣ ҳанӯз дар замони дар факултаи шарқшиносии Донишгоҳи Санкт-Петербург таҳсил намудан, диққати Жуковскийи ҷавонро ба худ ҷалб мекунад. Дар замони таҳсил дар зинаи магистратура В. А. Жуковский дар бораи эҷодиёти Анварӣ рисолае таълиф менамояд, ки он аз тарафи ҷомеаи илмии факултети номбурда, истиқболи гарм пайдо мекунад. Гузашта аз ин, сафари се солаи В. А. Жуковский ба Эрон барои фаъолиятҳои минбаъдаи эроншиносии ӯ роҳи васеъ мекушояд. Тамошои шахрҳои Шерозу Исфаҳон ва зиёрати оромгоҳи Саъдию Ҳофиз ва Хайём ӯро ошиқу дилбохтаи шеъру адабиёти форсӣ мегардонад.

**Нововарии илмии диссертатсия** дар он зоҳир мешавад, ки бори нахуст муҳаққиқ зиндагиномаи В.А. Жуковскийро дар алоқамандӣ бо зинаҳои ошноии ӯ бо одобу фарҳанги форсии тоҷикӣ ба таҳқиқ мегирад. Шахсияти ин ховаршиноси маъруф аз дидгоҳи саҳму нақши ӯ дар инкишофи эроншиносии русӣ бори нахуст ба таври муфассал баррасӣ мешавад. Инчунин, дар диссертатсия рисолаву мақолаҳои забоншиносӣ, мардумшиносӣ ва таърихшиносии В.А. Жуковский бори нахуст дар маҷмуъ баррасӣ мешавад, ки он барои мушаххас намудани доира ва самтҳои фаъолияти илмии В. А. Жуковский муҳим аст.

**Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ** бо он собит мешавад, ки унвонҷӯ ҳангоми таҳқиқи диссертатсия ба асарҳои заминавии адабиётшиносии ватаниву хориҷӣ такя намуда, консепсияи илмӣ ва назарии онҳоро сармашқи кори диссертатсионии худ қарор додааст. Умуман, дараҷаи эътимоднокии натиҷаи таҳқиқ аз маълумоти муътамад, мутобиқати ҳаҷми маводи таҳқиқ, омӯзишу баррасии натиҷаҳои таҳқиқ, шумораи интишорот ва дуруст ва бонизом интихоб намудани методҳои таҳқиқ бармеояд. **Хулосаву тавсияҳои** кори диссертатсионӣ бо такя ба таҳлилҳои амиқу самарабахши илмии натиҷаҳои таҳқиқи назариявӣ пешниҳодгардида, дурнамои мавзуи таҳқиқӣ муайян шудааст.

**Аҳаммияти назарии таҳқиқ дар он зоҳир мешавад**, ки пажуҳиш барои мутолиаи густардаи фаъолиятҳои адабию эҷодии В. А. Жуковский роҳ мекушояд. Ғайр аз ин, натиҷаҳои илмии диссертатсия барои омӯзиши масоили гуногуни ховаршиносӣ, робитаҳои адабии тоҷику рус, масоили марбути тарҷумаи шеъри класикии форсии тоҷикӣ мусоидат мекунад. Аз маводи диссертатсия метавон ҳангоми тадриси фаннҳои таърихи адабиёт, назарияи адабиёт, таърихи робитаҳои адабӣ, инчунин, дар мавриди таҳияи мақолаҳо, рисолаҳо, курсҳои лексионӣ ва ғайра аз фанҳои номбурда истифода кард.

Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия 10 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин номгӯй 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд. Бояд таъкид кард, ки як мақолаи диссертант дар маҷмуаи конфронси байналмилалии “Стратегияҳои муосири рушди ҷомеа” бо номи “Таҳқиқи адабиёт ва фарҳанги мардумони эронӣ дар корҳои илмии В. А. Жуковский” дар шаҳри Маскав (с. 2023) ба чоп расидааст. **Маводи интишоргардида** нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

Диссертатсияи Алиев Султон Маҳмадшарифович аз муқаддима, се боб, нуҳ фасл, хулоса ва китобнома иборат мебошад. Дар ҳамаи бобу

фаслҳои диссертатсия шеваи хуби таҳқиқ, истифодаи адабиёти илмӣ, маъхазҳо ва сарчашмаҳои адабӣ ва андешаронихои ҷолиби таваҷҷуҳ ба назар мерасад, ки ин далели омодагии ҷиддии диссертант дар омӯзиши масоили гуногуни марбути адабиётшиносӣ ва ховаршиносӣ мебошад.

Дар қисмати муқаддимавии диссертатсия муаллиф мубрамии мавзуъ, дараҷаи омӯзиши он, робитаи кор бо барномаҳои илмӣ мақсаду вазифа ва предмету объекти таҳқиқ, асосҳои назарӣ ва методологии он, аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ, мутобиқати он бо шиносномаи ихтисоси илмӣ ва ғайра муфассал тавзеҳ шудааст.

Бояд гуфт, ки дар диссертатсия зимни таҳқиқи мавзуъ аҳдофу мақсади муайяни илмӣ пайгирӣ мешавад. **Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда** навовариҳои устувори илмӣ дошта, самтҳои асосии пажуҳиши диссертатсияро дуруст муайян месозанд.

**Боби якуми диссертатсия**, ки аз ду фасли алоҳида иборат аст, ба масъалаи зиндагиномаи В. А. Жуковский, заминаҳо ва омилҳои пайванду алоқамандии ӯ бо шеъру адабиёт ва фарҳанги форсии тоҷикӣ ихтисос дорад. Дар **фасли якуми боби мазкур** диссертант зиндагиномаи В. А. Жуковскийро таҳқиқ дода, таъкид месозад, ки сафари илмии беш аз сесолаи ӯ ба Эрон ва дидани вай аз шаҳрҳои Теҳрон, Шероз, Машҳад, Исфаҳон ва ғайра Жуковскийро бо фарҳанг, забон, адабиёт, расму оин ва суннатҳои қадимаю пурбори мардуми форсизабон аз наздик ошно гардонид. Дар Шероз вай ба омӯзиши лаҳҷаҳои бахтиёрӣ, чаҳорлангу ҳафтланг машғул гардида, дар ин замина корҳои муҳимму мондагореро ба анҷом мерасонад. Баъди аз сафари сесолаи Эрон баргаштан масъулияти роҳбарии кафедраи забон ва адабиёти форсии Донишгоҳи Санкт-Петербургро ба уҳда мегирад ва ба ин васила дар инкишофи риштаи эроншиносӣ дар илми ховаршиносии русӣ саҳми муносиб мегузорад. Натиҷаи таҳқиқоти илмии эроншиносии В. А. Жуковский дар **фасли дуюми боби якуми диссертатсияи** Алиев Султон Маҳмадшарифович муфасал баррасӣ мешавад. Диссертант мероси илмии В. А. Жуковскийро ба таври зайл гурӯҳбандӣ менамояд:

осори адабиётшиносӣ, осори забоншиносӣ, осори таърихшиносӣ, осори фолклоршиносӣ, осори диншиносӣ, ки равиши дуруст мебошад.

Баррасиҳои диссертант собит менамояд, ки В. А. Жуковский донишманди фарохназар ва шарқшиноси пуркор ва пурмаҳсул будааст. Махсусан, заҳматҳои илмию пажуҳишии ӯ дар заминаҳои эҷодиёти Анварӣ, Хайём, Бобо Тоҳир, адабиёти давраи Сомониён, гирдоварӣ ва таҳқиқи осори шифоҳии мардуми манотиқи гуногуни Эрон аз тарафи аҳли таҳқиқ ва ховаршиносони маъруф баҳои баланд гирифтааст.

Сарфи назар аз самтҳои гуногуни фаъолияти илмиаш В. А. Жуковский бештар ба омӯзиши адабиёти форсии тоҷикӣ, аҳволу осори шоирони маъруф ва таъсиргузори ин адабиёт машғул гардидааст ва ин самти фаъолияти ховаршиносии ӯ **дар боби дуюми диссертатсияи** Алиев Султон Маҳмадшарифович мавриди таҳқиқ қарор мегирад. Дар се фасли ин боби диссертатсияи худ муҳаққиқ таълифоти илмии В. А. Жуковскийро дар мавриди эҷодиёти Анварӣ, Хайём ва намояндагони адабиёти аҳди Сомонӣ мисли Рӯдакӣ, Сино, Берунӣ ва ғайраро ба таври муфассал баррасӣ менамояд. Таъкид мегардад, ки адабиётшиносӣ яке аз меҳварҳои асосии таҳқиқоти В.А. Жуковский ба ҳисоб меравад. Вай махсусан, дар таҳқиқи масъалаҳои гуногуни таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ хидмати шоиста намудааст.

Диссертант афкору андешаҳои Жуковскийро дар мавриди эҷодиёти Анварӣ ва Хайём муфассал баррасӣ намуда, чанд вижагии хоси осори илмии ин ховаршиноси русро мушаххас месозад. Аз ҷумла, Алиев Султон Маҳмадшарифович таъкид менамояд, ки ин донишманди рус ҳангоми таҳқиқи зиндагиномаи шоирони бузурги адабиёти форсии тоҷикӣ бештар ба навиштаҳо ва таълифоти худи шоирон ва донишмандон такя менамояд, ки он хулосаҳо ва натиҷагириҳои илмии ӯро бештар қобили эътимод мегардонад. Вай аз ҷумлаи аввалин муҳаққиқонест, ки симои Умари Хайёмро чун ҳакиму донишманд ва суханвари бузург муайян кард ва масъалаи шинохти рубоиёти ӯро ба миён гузошт. Дар доираи чашмандози илмию пажуҳиши В. А. Жуковский баррасии аҳволу осори шоирони аҳди

Сомонӣ ва адибони сӯфимашраб ҷойгоҳи хоса дорад. Вай дар мақолаи арзишманди худ “Инсон ва маърифат аз назари суфиёни форсӣ” бо такя ба ашъори ирфонии Саноӣ, Аттор, Мавлоно ва дигарон масъалаи мақоми инсон дар фалсафаи тасаввуфро ба миён мегузорад.

Азбаски В.А. Жуковский ба китобхонаи оммавии Императории Петербург иртиботи мустақим дошт, дар нусхашиносӣ ва нашри асарҳои алоҳидаи адабиёти форсии тоҷикӣ накши муҳим гузоштааст, ки намунаи он интишори “Асрор-ут-тавҳид” мебошад. Вай матни ин асари маъруфи адабиёти ирфониро дар асоси матни дар китобхонаи Петербург маҳфузбуда ва дар муқоисаю муқобала бо матни дар китобхонаи Копенгаген буда, дар соли 1899 ба табъ мерасонад. Гузашта аз ин, икдоми олимони ховаршинос дар мавриди муайян кардани рубоиёти аслии Умари Хайём аз тарафи шарқшиносони сатҳи ҷаҳонӣ А. Кристенсен, Д. Росс, В.Р. Розен, Э. Фитсҷералд ва донишмандони эронӣ Ҷалолуддини Ҳумоӣ, Содиқ Ҳидоят, Муҳаммадалии Фурӯғӣ, Алии Даштӣ ва дигарон истиқболи гарм пайдо намуд.

Самти дигари фаъолияти ховаршиносии В. А. Жуковский гирдоварӣ, таҳқиқ ва нашри осори шифоҳии мардуми Эрон мебошад, ки он дар маҷмуъ **дар боби сеюми диссертатсияи** С. Алиев таҳқиқ мешавад. Дар тули солҳои 1888-1992 ин муҳаққиқи ҷӯянда китобҳои пурарзиши “Мавод барои омӯзиши лаҳҷаҳои форсӣ” ва “Намунаи осори мардумии форсӣ” - ро ба нашр мерасонад. Донишманди мазкур зимни таълифу таҳқиқи масоили таърихшиносӣ ҳам мустақим ва ғайримустақим ба масоили марбути инкишофи адабиёт дар давраҳои гуногуни таърихӣ дахл менамояд.

Махсусан, ҳангоми таҳқиқи сарчашмаҳои таърихӣ, хоса зимни омӯзиши таърихии Марв вай солномаҳо ва хоса “Авесто”-ро ҳамчу сарчашмаи адабӣ баррасӣ менамояд. Хуб донистани сарчашмаҳои таърихӣ ба ин донишманди рус имкон додааст, ки дар бораи таърихи Марв, таҳқиқоти бунёдии “Осори қадими кишвари соҳили Каспий. Харобаҳои Марви куҳан” - ро ба нашр расонад. Дар ин китоб муҳаққиқ дар баробари

баррасии масоили марбути таърих ва мардумшиносӣ, боз масъалаи таърихи пайдоиши шеъри форсӣ ва мушаххас намудани намунаҳои аввалини шеър ба забони форсиро таҳқиқ менамояд, ки он то замони мо арзиши илмии худро гум накардааст.

Дар баробари ин, Жуковский дар солҳои охири умраш ба тарҷумаи асарҳо ва қиссаю ривоятҳои таърихӣ машғул гардида, корҳои мондагореро дар ин замина ба мерос гузоштааст, намунаи он тарҷумаи ривоятҳо аз “Темурнома”-и Абдурраҳмони Сирот ва “Ҳикоят дар бораи Муқаннаъ”аз рисолаи “Қандия” мебошад. Диссертант таъкид менамояд, ки гирдоварӣ ва намунаи номаҳои В.А. Жуковский метавонад, дар ҳалли бисёре аз муаммоҳои фарҳангу адабиёти форсии тоҷикӣ мусоидат намояд.Осори забоншиносии В.А. Жуковский **дар фасли дуюми боби сеюми диссертатсия**и Алиев Султон Маҳмадшарифович мавриди баррасӣ қарор мегирад. Таҳлилҳо ва масъалагузориҳои диссертант нишон медиҳад, ки ин ховаршиноси рус дар самти омӯзиши масъалаҳои марбути забони форсӣ, гӯишҳои ин забон, овошиносӣ ва лексикаи он корҳои муҳим ва арзишманди илмию пажуҳиширо анҷом дода будааст. Муҳим он аст, ки дар таҳқиқи аксари масъалаҳои номбурда В. А. Жуковский шеваҳои хоси омӯзишро истифода кардааст, ки он дар замони мо ҳам қобили истифода ва пайравист. Чунки ин ховаршиноси рус муҳимтарин масъалаҳои таърихшиносӣ, мардумшиносӣ, бостоншиносӣ ва забоншиносиро дар иртибот бо адабиёти пурғановати форсии тоҷикӣ ба таҳқиқ гирифтааст. Бо вуҷуди он ки аз нашри пажуҳишҳои эроншиносии ин ховаршиноси пуркор фосилаи тулонии замонӣ мегузарад, аммо онҳо то ба имрӯз арзиши илмии худро аз даст надодаанд. Ба ҳамин хотир, диссертант масъалаи таҷдиди чоп ва интишори онҳоро дурусту воқеъбинона ба миён мегузорад.

**Хулосаи диссертатсияи** Алиев Султон Маҳмадшарифович фарогири асоситарин ва муҳимтарин бардоштҳои илмии муаллиф буда, дар 12 банд фароҳам омадаанд ва истиноди зарурӣ дар охири ҳар банд ба мақола ва таълифоти довталаби дараҷаи илмӣ оварда шудааст.

Дар баробари дастовардҳо ва муҳасинноти зикргардида дар диссертатсияи мавриди назар баъзе камбудиҳо низ ба назар мерасад:

1. Дар бахши мубрамияти мавзуи таҳқиқ, диссертант ба ҷои номбар кардани донишмандоне, ки ба корҳои Жуковский баҳо додан масъалаи муҳимтарини омӯзиши мероси илмии ин ховаршиноси русро тавзеҳ медод, беҳтар буд.

2. Диссертант дар баъзе мавридҳо ба ҷои истилоҳи маъруфи эроншиносӣ вожаи форсишиносиро истифода мекунад, ки он ҷоиз нест.

3. Банди чаҳоруми нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшавандаро бояд ташкил ва ба талабот ҷавобгӯ намуд.

4. Дар боби дуюми диссертатсия агар маводи фаслҳои 4 ва 5 дар якҷоягӣ мешуд, беҳтар буд. Дар ҳамин боб, агар масъалаҳои матншиносӣ ва нусхашиносии Жуковский дар як фасли алоҳида таҳқиқ мегардид, арзиши пажуҳишии диссертант меафзуд.

5. Номувофиқатии рақам дар ишора ба маъхазҳо ба назар мерасад. Дар саҳ. 19 диссертант ба маъхази рақами 41 ишора мекунад, вале дар матн 42 зикр мешавад. Ё дар саҳ. 130, дар матн иқтибос аз мақолаи таҳти рақами 39 гирифта мешавад, вале дар он ҷо ба адабиёти рақами 40 ишора мешавад. Ин гуна камбудиҳои ташхисиро бояд ислоҳ кард.

6. Диссертант рӯйхати адабиётро бояд тибқи талаботи ҳозира, на тибқи қоидаҳои замони шуравӣ тартиб медод.

Камбудиҳои ишорагардида ҷузъӣ буда, арзиши илмии таҳқиқоти мавриди назарро коста намегардонад.

Диссертатсияи Алиев Султон Маҳмадшарифович дар сатҳи лозимии илмию пажуҳишӣ таълиф гардидааст. Автореферат ва мақолоти ба нашр расонидаи диссертант муҳтавои таҳқиқотии ӯро ба пуррагӣ ифода мекунад.

Мавзуи диссертатсия ба масоили марбути шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.03-Адабиёти кишварҳои хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, сокинони бумии Амрико ва Австралия (адабиёти форсӣ) **мувофиқат** мекунад.

Коркарди амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ба меъёрҳо ва талаботи Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи номзадии Алиев Султон Маҳмадшарифович дар мавзӯи "В.А. Жуковский ва адабиёти форсии тоҷикӣ: шинохт, баррасӣ ва нақд" ба талаботи бандҳои 31, 33-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади филология, аз рӯйи ихтисоси 10.01.03-Адабиёти кишварҳои хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, сокинони бумии Амрико ва Австралия (адабиёти форсӣ) мебошад.

**Муқаррizi расмӣ:**
доктори илмҳои филологӣ, профессор,
мудири кафедраи назария ва таърихи
адабиёти факултети филологияи
тоҷикии Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Солеҳов Ш. А.
«8» майи соли 2024.

Суроға: 734043, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи В. Маяковский 52, ҳ. 30
Тел: 987-65-00-43
E-mail: soleh59@mail.ru

Имзои Ш. А. Солеҳовро тасдиқ мекунам:
сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Мустафозода А.

Суроға:734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121
Телефон: (+992 -37) 224-13-83
E-mail: info@tgpu.tj
«8» майи соли 2024.